# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-12 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна дар мавзуи “Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск–менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10 – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ).**

25 июли 2026 сол ш. Душанбе

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-12 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Саидова Мунавар Хамидовна - раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷабборов Абдусаттор - аъзои комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Зубайдов Саидахмад - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна **хулосаи** зерин баровардааст:

***I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ:***

Довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна мутобиқи бандҳои 17 ва 18 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2023 №267» ба талаботҳои қабул ба ҳимоя ҷавобгӯ мебошад.

Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна 21 сентябри соли 1978 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна соли 2000 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит, бо дипломи аъло хатм (ТСИ 001912, рақами қайд 192, аз 02.07.2000с.) намудааст.

Мавзуи диссертатсионии Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна бо Қарори Шурои олимони ДИС ДДТТ аз 26.10.2021сол, протоколи №3 тасдиқ гардидааст.

Шарипова М.Н. аз соли 2021 унвонҷӯйи кафедраи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ аз рӯи ихтисоси 5.2. –

Иқтисодиёт (5.2.10 – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Диссертатсияи Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск – менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)» дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 29 сентябри соли 2025 мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар рафти муҳокима инчунин мутахассисони даъватшуда аз ҷумлаи аъзоёни шурои диссертатсионии 6D.КОА-12 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон низ ширкат доштанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст.

Имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5 (аъло), таърихи фалсафаи илм бо баҳои 5 (аъло) имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Роҳбари илмии Шарипова М.Н. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Машокиров Ҷамшед Неъматуллоевич, муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад.

Дар парвандаи аттестатсионӣ руйхати мақолаҳои илмии муаллиф мавҷуд аст, аз онҳо 10 мақола ба мавзӯи диссертатсия марбутанд, бо ҳаҷми умумии 6,2 ҷ.ч., аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд.

Алоҳида бояд қайд кард, ки тибқи низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне, ки такроран дар шуроҳои миллӣ диссертатсия дифоъ мекунанд, бояд аз экспертизаи пешакии шурои дахлдор гузаранд ва номгӯи ҳуҷҷатҳои зикргардидаро барои гирифтани иҷозати дахлдор ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Пас аз экспертизаи пешакӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-12 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои Шарипова М.Н. барои гирифтани иҷозати дар боло зикршуда ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуданд.

***II.Мутобиқати мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ:***

Диссертатсияи Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна дар мавзуи “Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск–менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10 – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) ба ихтисоси илмии эълоншуда мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқотии бадастовардаи муаллиф ба нуктаҳои дар шиносномаи тахассусӣ нишондодашуда мувофиқат мекунанд. Натиҷаҳои диссертатсия аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта, ба рушди илми иқтисодӣ мусоидат мекунанд.

***III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд***

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 10 кори илмӣ, дар ҳаҷми умумии 6,2 ҷ.ч., аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумоти пешниҳодшуда дар бораи интишороти асосии довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия чоп шудаанд, дуруст ва боэътимод мебошанд.

***IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ***

Дараҷаи аслияти матни диссертатсияи пешниҳодшуда ба талаботҳои муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

Маълумотномаи системаи антиплагиати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба асолати матни диссертатсияи Шарипова М.Н. аз 16 феврали соли 2026 бо натиҷаи 91,96% аслият ҷой дорад.

***V. Комиссия пешниҳод менамояд:***

1. Диссертатсияи Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна дар мавзуи “Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10 – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-12 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Фаҷеров Ҳамидуллохон Нуриддинович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- Лутфуллозода Мазбутҷон Дадопур – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

- Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.
5. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси**
комиссияи экспертӣ,
д.и.и., профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Саидова Мунавар Хамидовна

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҷабборов Абдусаттор

д.и.и., дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Зубайдов Саидахмад

Имзоҳои комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям.

И.в. котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, д.и.и. , дотсент Зубайдов Саидахмад